Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода, дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёти муосир самаранокии буҷетикунонӣ ва банақшагирии буҷет, инчунин дуруст ба роҳ мондани хароҷоти буҷетӣ доир ба амалӣ шудани буҷети бахшҳову соҳаҳо, алалхусус соҳаи саноат маҳсуб меёбад. Дар як вақт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои ибтидоии амалигардонии ҳадафи чоруми кишвар – саноатикунонии босуръат қарор дорад. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ бешубҳа мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар боби аввал "**Асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар пояи равишҳои лоиҳавӣ**" (саҳ. 13-23.) вобаста ба асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафмандӣ дар пояи равишҳои лоиҳавӣ, ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули ҳадафманди барномавӣ ҷиҳати ташаккули буҷет, принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавию лоиҳавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда, дарҷ мегардад, ки равандҳои иқтисодӣ бо печидагиҳои ҷаҳонишавӣ ва афзалдонии равандҳои гуногуни идоракунӣ дар бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла идораи бахшҳои саноат, идораи дурусту ба талаботҳои муосир ҷавобгӯи молияи он, мутобиқшавии маҳсулот ба бозорҳо бархурд мекунанд, ки ин раванд дар заминаи рушд кардани хеш дуруст ба роҳ мондани равандҳои молияву буҷетикунониро ба вуҷуд меоварад. Ҳамчунин, ба мавридқайд карда шудааст, ки барои самаранок татбиқ гардидани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ фароҳам овардани шароитҳои хосе амри зарурӣ мебошад, ки асоси онҳо аз инҳо иборатанд:

- Фароҳам овардани ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар;
- Фароҳам овардани муҳити мусоиди рақобатӣ дар кишвар;

- Фароҳам овардани шароит барои густариши фановариҳои рақамӣ ва инноватсионӣ (саҳ. 21).

Боби дуюми рисола ба “**Таҳлили ҳолат ва тамоюли буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” бахшида шуда, вазъи муосири механизми буҷетикунонии ҳадафманди рушди саноат дар кишвар, баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар он, ҷолибияти сармоягузории бахши саноат ҳамчун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар рисола дуруст, қайд карда шудааст, ки бояд ҷалби сармояҳо ва раванди ҷалби онҳо вусъатнок гардонида шавад, ки пеш аз ҳама талаби баланд бардоштани ҷолибият ё худ ҷаззобияти муҳити сармогузорӣ дар бахшҳои саноати кишварро тақозо мекунад. Ҳамчунин, таҳлили ҷаззобияти сармоягузорӣ ба намудҳои фаъолияти корхонаҳои кишвар гузаронида шуда, сармоягузориҳо ба бахши саноти кишвар ва татбиқи онҳо дар барномаҳои ҳадафманди лоиҳавӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд, ки қобили дастгирист. Муаллиф ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои саноатиро дар асоси нишондиҳандаи “интегралӣ” баҳогузорӣ карда, формулаи амалиардонии онро низ пешниҳод намудааст (саҳ. 32).

Дар боби сеюм “**Самтҳои афзалиятноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат пешниҳод гардида, хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсионӣ ироа мегардад.

Муаллиф дар асоси таҳлилу баррасӣ қарор додани ҷанбаҳову омилҳое, ки дар шароити рақамикунонӣ дар раванди буҷетикунонӣ муассиранд ва дар ҷараёни коркард ва татбиқи рақамикунонии раванди барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ ба инобат гирифтан ва коркарди нишондиҳандаҳои онҳо тавассути таъминоти барномавии соҳаи мазкурро тасниф карда аст, ки қобили дастгирист (саҳ 37).

Дар барои муваффақиятҳои таҳқиқотчӣ як қатор тавсияҳоро манзури муаллиф кардан мумкин аст, ки ба эътибор гирифтани онҳо сатҳу сифати таҳқиқотро боз ҳам ғанӣ гардонида метавонанд.

1 Дар боби аввал муаллиф барои самаранок татбиқ гардидани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ фароҳам овардани се шароитро амри

зарурӣ меҳисобад, (саҳ 21) вале чӣ тавр ба ин ҳадафҳо ноил гаштанро пешниҳод накардааст.

2. Муаллиф дар боби 2 муодилаи регрессияи маҷмӯиро таҳия карда, аммо тавсифи онро наовардааст.

Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки эродҳои гирифташуда тавсифи машваратӣ дошта, арзиши илмию амалии таҳқиқотро кам намекунанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳанифаи Э. А. таҳқиқоти баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва методӣ-амалӣ иҷро гардида аст. Тартиби таҳқиқоти илмӣ ба талаботи б. 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳанифаи Э. А. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
**д.и.и., профессор, мудири**
**кафедраи идоракунии**
**молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Досиев М. Н.**

**Имзои д.и.и., профессор, Досиев М. Н. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**АИДНПҶТ** **Зоирхонзода Ф. З.**

**(Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Саид Носир -33 Тел: (+992) 918-11-96-48, E-mail: dostiev68@mail.ru)**

03.05.2025